Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

16 июни соли 2021. Чоршанбе № 47 (14748)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

РОҲҲОИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАМКОРИҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА АМА БАРРАСӢ ШУДАНД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 15 июн ҳайати Аморати Муттаҳидаи Арабро бо роҳбарии вазири корҳои Ҳукумат Муҳаммад бин Абдуллоҳ ал-Гаргавӣ пазируфт.

Масъалаҳои боз ҳам амиқтар намудани муносибатҳои гуногунҷабҳаи Ӯзбекистон ва Аморат ва рушди ҳамкориҳои амалӣ муҳокима шуданд.

Сарвари давлати мо ба сатҳи кунунии ҳамкории мутақобилан судманд ва пурсамари ду кишвар, ки тавассути татбиқи созишномаҳо дар сатҳи олӣ ба даст оварда шудаанд, баҳои баланд дод.

Дар навбати худ, Муҳаммад ал-Гаргавӣ аз номи Президенти АМА Шайх Халифа ал-Наҳаён, валиаҳди Абу-Дабӣ, муовини Фармондеҳи олии Қувваҳои мусаллаҳ Шайх Муҳаммад ал-Наҳаён ва Сарвазири кишвар, амири Дубай Шайх Муҳаммад ал-Мактум ба раҳбари кишвари мо салом ва таманноҳои беҳтарин расонд.

Дар ҷараёни мулоқот пешрафт дар татбиқи лоиҳаҳои рушди энергияи муқобил ва навсозии иншооти энергетикӣ, ташкили кластерҳои замонавии агросаноатӣ, роҳандозии ширкати сармоягузорӣ барои дастгирии ташаббусҳои соҳибкорӣ ва инчунин татбиқи як қатор барномаҳои муҳими иҷтимоӣ қайд гардиданд.

Аҳамияти идомаи кори муштарак дар соҳаи баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлатӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳибихтисос, ташкили фаъолияти дафтари суръатбахши ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ, ки имрӯз дар шаҳри Тошканд ифтитоҳ ёфт, таъкид гардид.

Вазир Муҳаммад ал-Гаргавӣ барои кӯмаки ҳамаҷониба ба фаъолияти сармоягузорони Аморат дар ҷумҳурӣ, барои дастгирӣ ва иштироки Ӯзбекистон дар Намоишгоҳи ҷаҳонии «Экспо 2021» дар Дубай миннатдории самимӣ изҳор намуд.

Ҷониби Аморат инчунин пешниҳоди нави лоиҳавиро дар доираи татбиқи ташаббуси Президенти Ӯзбекистон оид ба ташкили минтақаи инноватсияҳо ва технологияҳои экологӣ дар минтақаи баҳри Арал тақдим намуд.

Дар натиҷаи мулоқот оид ба қабули «харитаи роҳ» -и муштарак созиш ба даст оварда шуд, ки ба васеъ паҳн намудани тачрибаи пешқадами Аморат дар соҳаи идоракунии давлатӣ, ташаккули барномаи дарозмуддати дигаргуниҳо ва гузаштан ба роҳи инноватсионии рушд нигаронда шудааст.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ҲУҚУҚ ВА ИМКОНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН ТАВСЕА ДОДА ХОҲАД ШУД

Дар шаҳри Тошканд таҳти унвони “Тавсеаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои занон барои рушди устувори Осиёи Марказӣ ва Афғонистон” бизнес-форуми байналмилалӣ баргузор гардид. Он дар доираи гуфтугӯи занон – пешвоёни Осиёи Марказӣ роҳандозӣ шудааст.

Дар таъсис ва баргузории он Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Барномаи рушди СММ, ҳамчунин Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки рушд ва эҳёи Аврупо саҳм гирифтанд. Дар форум як гурӯҳ аъзои Сенати Олий Маҷлис, ноиби раиси Шӯрои васигии пуштибонӣ ва рушди масмедиаи миллӣ, раҳбари комиссияи баробарии гендерии ҷумҳурӣ, роҳбарон ва ноибони парлумонҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, коршиносони маҳаллӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин вакилони доираҳои соҳибкории занон ширкат карданд.

Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи он изҳор кард, ки бизнес-форуми мазкур оид ба масъалаҳои рушди соҳибкории занон, барқарор намудани ротибаҳои мустақим, муайян намудани самтҳои босамари ҳамкориҳо ва роҳандозии табодули назар ва иваз намудани тачрибаҳои пешқадами байни занони соҳибкори Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Афғонистон ва Ӯзбекистонро ҳадафҳои асосии худ қарор додааст.

Ба таъкиди иштирокчиёни форум вақте ки гап дар бораи беҳбуди шароити зисти хонаводагӣ ва ҷомеа меравад, ҳувайдост, ки дар саросари олам маҳз занҳо маҳорату салоҳияти худро дар ин ҷода устуворона собит намудааанд. Таъминот ва некӯаҳволии кишварҳо аз таъминот ва некӯаҳволӣ, тавсеаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои занҳои ҳамон кишвар маншаъ мегирад. Хусусан соҳибкорӣ дар байни занон мусоидат менамояд, ки баробарии гендерӣ таъмин, камбизоатӣ коҳиш дида, дастрасӣ ба имкониятҳои дигар меафзояд.

Маълум гардид, ки дар Ӯзбекистон минбаъд масъалаҳои гендериро дар баробари кумитаҳои занон тамоми вазорату идораҳо низ ҳал хоҳанд кард. Барои ҳамин ҷумҳурӣ стратегияи ноил шудан ба баробарии гендериро то соли 2030 қабул кардааст. Дар ин бора раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева низ таваккуф намуд. Вай зикр кард, ки дар тӯли чаҳор соли охир Ӯзбекистон 25 санади меъёриро дар бораи ҳуқуқи занон қабул намудааст. Муҳимтарини онҳо Қонун дар бораи баробарии гендерӣ ва қонуне мебошанд, ки занонро аз зулму тааддӣ ва зӯроварӣ муҳофизат мекунанд.

Ба он нукта низ таваҷҷӯҳ дода шуд, ки баргузории ин чорабинии байналмилалӣ аз маърӯзаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Иҷлосияи 46-уми Шӯрои ҳуқуқи инсони СММ аз 22 феврали соли 2021 низ сарчашма гирифтааст. Дар ҳамон иҷлосия Шавкат Мирзиёев пешниҳод кард, ки бо ҳам дар тамосу мулоқот шудани занони босалоҳият ва бомаҳорати Осиёи Марказӣ ва Афғонистон дар пай манфиатҳои зиёд хоҳад дошт. Ин беҳуда нест, зеро занҳо низ ҷиҳати боло рафтани салоҳиятҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварашон саҳми хеле калон мегузоранд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар кишвари мо занон ҳамаҷониба дастгирӣ мешаванд, ҳамчунин ҳимояи манфиатҳои қонунии онҳо аҳамияти вижаро касб намудааст.

– Дар ин замина иродаи сиёсии сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёевро бояд махсус қайд намуд. Зеро дар кишварамон занони зиёд ғайр аз он ки оилаи худро саранҷому саришта мекунанд, бо шавҳари худ барои таъминоти оилавӣ аз нигоҳи моддӣ кӯмак мерасонанд, ҳамчунин аз ӯҳдаи корҳои басо муҳим низ баромада метавонанд. Ин чорабинӣ, ки дар мамлакати мо роҳандозӣ шудааст, бояд мулоқоту ҳамкорӣ дар байни занони Осиёи Марказӣ ва Афғонистонро беш аз пеш имконпазир гардонад, робитаҳоро мустаҳкам ва тавсеа бахшад, занони дигарро низ барои иҷрои чунин корҳо ҳидоят созад, – гуфт Саида Мирзиёева.

Миряна Сполярич Эггер – ёвари Дабири кулли СММ ва директори бюрои маҳаллии Барномаи рушди СММ дар умури ИДМ ва Аврупо қабл аз ҳама ба Ҳукумати Ӯзбекистон, хоссатан ба раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева барои ширкати бевоситааш дар ин бизнес-форум арзи сипос намуд.

– Имрӯз дар Ӯзбекистон рӯзи хеле муҳим мебошад. Зеро масъалаи тавсеаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои занон баррасӣ мегардад. Бидуни фароҳам овардани чунин имкониятҳо дар бораи рушди устувори иқтисодӣ ҳарфе наметавон гуфт. Дар қадами аввал бояд барои ба бозори меҳнат воридшавии занон аз тамоми монеаҳое, ки дар қонунгузориҳо мавҷуданд, сарфи назар кард. Занҳо набояд танҳо хонанишин бошанд ва ба фарзандон нигоҳубин кунанд, балки ба касбу кори ғайрианъанавӣ машғул шуда тавонанд. Ба ибораи дигар, занҳо ба корҳое машғул шаванд, ки ҷомеаи имрӯза ба ширкати онҳо дар ин корҳо ниёз дорад. Дар соҳаи инҷиниринг, риёзиёт ва технологияҳои наву замонавӣ мушорикат намудани занон имкониятҳои иқтисодии онҳоро беш аз пеш тавсеа мебахшад ва онҳоро аз нигоҳи иҷтимоӣ ҳимоя мекунад, – таъкид варзид Миряна Сполярич Эггер.

Он нуктаи муҳим низ дар ин чорабинии байналмилалӣ тазаккур ёфт, ки дар Ӯзбекистон Клуби занони назди Комиссияи баробарии гендерӣ таъсис дода шудааст. Дар парлумон 32 дарсади намояндагони мардумиро занҳо ташкил медиҳанд. 23 дарсади аъзои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ аз занон таркиб ёфтааст. Теъдоди депутатҳои шӯроҳои маҳаллӣ низ аз ҳисоби занон сол аз сол афзоиш меёбад.

Иштирокчиёни бизнес-форум ба он натиҷа расиданд, ки муайян намудани самти ҳамкориҳо, таълиф ва таҳияи нақшаҳои некбинона ва баргузор намудани дидору мулоқотҳо барои амалӣ шудани мақсадҳои начиби онҳо ҳамчун омили асосӣ хидмат хоҳанд кард.

Дар доираи ин форум намоишгоҳи маҳсулоти корхонаҳое низ барпо гардид, ки ба он занон роҳбарӣ мекунанд. Аз рӯи натиҷагириҳои форуми байналмилалӣ Занон – пешвоёни Осиёи Марказӣ Изҳороти муштарак ва барои ҳамкорӣ дар самтҳои рушди устувори байни занҳо – соҳибкорони Осиёи Марказӣ ва Афғонистон “Харитаи роҳ” қабул гардид.

Мирасрор АҲРОРОВ, хабарнигори “Овози тоҷик”.

ВАКИЛОНИ ХАЛҚ ЛОИҲАҲОИ ҚОНУНҲОИ МУҲИМРО ҚАБУЛ НАМУДАНД

Дар ҷамъомади умумии Палатаи қонунгузорӣ депутатҳо чандин лоиҳаи қонунҳои муҳимро баррасӣ намуданд. Аз ҷумла, лоиҳаи қонун «Дар бораи дохил намудани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон» дар қироати дуюм муфассал муҳокима гардид.

Меъёрҳои он ба баланд бардоштани самаранокии ислоҳоте, ки бо мақсади ба вуҷуд овардани муҳити кории оптималӣ дар соҳаи бозори коғазҳои қиматбаҳо ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, беҳсозии фаъолияти бонкҳои тиҷоратии шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва мустаҳкам намудани нуфузи мамлакат дар арсаи байналхалқӣ нигаронда шудааст.

Ба лоиҳаи қонун мафҳуми нигоҳдорандаи номинали хориҷӣ дохил карда мешавад. Ин соҳиби коғази қиматбаҳо ё ташкилоти хориҷие мебошад, ки бо супориши шахси соҳибваколат руйхати коғазҳои қиматбаҳо ва соҳибҳуқуқиро ба он, дар ҳоле ки ҳуқуқи азхуд намудани онро надорад, собит менамояд.

Қабул гардидани лоиҳаи қонуни мазкур барои барӯйхатгирӣ дар бозори сармояи дастгоҳҳо ва муоҳидаҳои молиявӣ, интегратсияи барӯйхатгирӣ бо низоми байналхалқӣ, баланд бардоштани боварии сармоягузорони маҳаллӣ ва хориҷӣ ба бозор ва ҳамчунин минбаъд баланд бардоштани мақоми мамлакатамон дар таснифи Бонки ҷаҳонӣ (Doing business) мусоидат менамояд.

Депутатҳо лоиҳаи қонунро қабул намуданд.

Намояндагони халқ лоиҳаи қонунро «Дар бораи суд» дар қироати дуюм баррасӣ карданд.

Бино ба лоиҳаи қонун тағйироти ташкиливу сохторӣ дар низоми суд дар назар дошташуда, принсипҳои асосии суди одил таҷдиди назар мегарданд. Ҳамзамон мақоми судяҳо, кафолати дахлнопазирии онҳо пурзӯр карда мешавад.

Талаботи меъёрҳое, ки лоиҳаи қонун нисбати номзадҳо ба судягӣ ва шахсоне, ки таъин мегарданд, ба вазифаи судя интихоб мегарданд, мегузоранд, бинобар стандартҳои муқаррарҳгардида анҷом дода шуда, тартиби таъин намудани судяҳо, раисони судҳо ва муовинони раисҳо муайян карда мешаванд, ки инро лоиҳаи қонун пешбинӣ менамояд.

Дар лоиҳа асосҳо, тартиби бозҳорӣ, қатъи вакалати судяҳо мушаххас карда мешавад. Лоиҳаи қонун аз тарафи депутатҳо дар қироати сеюм қабул гардид.

Муҳокимаи лоиҳаи қонун «Дар бораи дохил намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Кодекси масъулияти маъмурӣ» низ боиси мубоҳисаи шадид гардид.

Бинобар ин лоиҳаи қонун ба моддаҳои марбути Кодекси ҷиноӣ ва Кодекси масъулияти маъмурӣ тағйирот дохил карда мешавад.

Нурулло НАСРИЕВ, хабарнигори ЎзА.

КОМЁБИИ ҒАЛЛАПАРВАРОНИ НОҲИЯИ ҚАРОВУЛБОЗОР

Деҳқонони асили ноҳия фасли тирамоҳ дар 5 ҳазору 525 гектар майдон гандум корида, парвариши онро дар асоси таҷрибаи чандинсола мувофиқи қоидаҳои агротехникӣ ба роҳ монда, ҳосили мӯл рӯёнданд.

Баъди як ҳафтаи мавсими дарав ба давлат 10 ҳазору 638 тонна ғалла супорида шуд. Дар натиҷа нақшаи шартномавии солона бо муваффақият ба сомон расид. Ба ин комёбӣ 154 хоҷагиҳои фермерие, ки дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои «Ҷарқоқ», «Навбаҳор», «Бӯзачӣ» фаъолият доранд, саҳми арзанда гузоштанд. Аз ҷумла хоҷагиҳои фермерии «Истиқлол» (роҳбараш Ҳасан Рӯзиев), «ФазоБЗШ» (сардораш Бахтиёр Бобоқулов), «Бӯзачӣ» (сарвараш Мурод Исмоилов), «Аҳтам Даврон» (роҳбараш Аҳтам Давронов), «Самандар-Араб» (роҳбараш Саид Турдиев), «Мелс Лазизбек» (сардораш Анвар Темиров), «Замир Амон» (сарвараш Воҳид Икромов), «Истам Сафар замини» (роҳбараш Темур Сафаров), «Сардор Облоқулов» (сардораш Содиқ Облоқулов), «Сардор Қаровулбозор» (роҳбараш Суннатулло Бозоров)-и ин ҳудудҳо нақшаи солонаи худро бештар аз 110 фоиз иҷро карданд.

Ба ғунчини ҳосил 54 комбайн самаранок иштирок намуда, боиси комёбӣ гардиданд. Ҳоло дар қисми зиёди майдонҳо дарав сар нашудааст. Пешакӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳосилнокии майдонҳо ба ҳисоби миёна ба 55 сентнерӣ мерасад. Дар заминҳои аз дону коҳ холишуда бо мақсади бо шуғл фарогирии бекорон ва талабгорон кишти такрорӣ ба амал меояд.

А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Муносибат

ЗИНАИ НАВИ ҲАМКОРӢ

Аз соли 2017 бо ташаббуси сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев марҳилаи нави ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ оғоз ёфт. Дар ин муддат шоҳиди он шудем, ки бисёр монеаҳо барои рафту омади шаҳрвандон бартараф карда шуда, алоқаҳои нақлиётию коммуникатсионӣ барқарор гардиданд. Рӯзҳои мадании байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ пайи ҳам мегузаранд. Ҳамаи ин ба манфиати халқҳои ҳамсояву ҳамҷавор хидмат хоҳад кард. Аз он мардуми минтақа хурсанданд.

Сафари навбатии Президентамон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон, ки ҳафтаи гузашта ба амал омад, ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, маданӣ ва илмӣ нигаронида шудааст. Алҳол Ӯзбекистон дар соҳаҳои саноат, коммуникатсия, логистика, технологияҳои пешқадам, илму таълим, тиббиёт дар пояи таҷрибаи ғании худ ба Тоҷикистон кӯмак мерасонад. Аз ҷумла, вақтҳои охир ҳамкории энергетикии байни ду давлат ҷолиби диққат аст. Дар арафаи сафари Президент дар Тоҷикистон рӯзҳои кинои ӯзбек гузаронида шуд, дар оянда чунин тадбир дар Ӯзбекистон ҳам гузаронида мешавад.

Назирҷон ЭРГАШЕВ.

Вилояти НАМАНГОН.

Баъди ташрифи Президент

АЗ ЭЪТИБОР МАМНУНЕМ

Ӯзбекону тоҷикон аз қадимулайём бо ҳамдигар хешу табор, дӯсту бародаранд. Хатмкунандагони мактабҳои таълимашон тоҷикии мамлакатамон дар таълимгоҳҳои олии Тоҷикистон илм омӯхта соҳиби маълумоти олӣ мешуданд. Вале, афсӯс, ки чанд сол муқаддам сарҳадҳои байни ин ду ҷумҳурии ҳамсоя баста шуду барои равобити халқҳое, ки аз як дарё об менӯшиданд, монеъаҳо эҷод гардиданд.

Шукри Офаридгор, ки тайи 4-5 соли охир бо ташаббус ва сиёсати оқилонаву одилонаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар таърихи равобити мардумони ӯзбеку тоҷик саҳифаи дурахшону фаромӯшнашаванда боз гардид. Сарҳадҳо аз нав кушода, ҳамкориҳо дар ҳама соҳаҳо ба роҳ монда ва барои сокинони ин ду ҷумҳурӣ дари имкониятҳо боз шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 10-11 июн бо сафари расмӣ ба ин кишвар рафт.

Минбаъд низ донишҷӯёни Тоҷикистон дар таълимгоҳҳои олии Ӯзбекистон ва донишомӯзони Ӯзбекистон дар мактабҳои олии Тоҷикистон таҳсил хоҳанд кард.

Камина аз ноҳияи Поп, бо якчанд ҳамсиннонам аз деҳаи тоҷикнишини Чодак дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд таҳсил мегирем. Ба мо намангониёне, ки дар Донишгоҳи Хуҷанди бостонӣ мехонем, барои таҳсил ва зисту зиндагӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Аз рӯзи нахустини таҳсил бо ҳамкурсони тоҷикистонӣ муносибатҳои дӯстонаро ба роҳ мондаем. Онҳо бо мо – донишҷӯёни ӯзбекистонӣ самимона ва бо эҳтиром муносибат мекунанд. Профессорон, дотсентҳо ва омӯзгорон низ нисбат ба мо эътибори алоҳида зоҳир менамоянд, ки аз ин меҳрамон ба донишгоҳ дучанд мегардад. Умед мекунем, донишгоҳе, ки мо – донишҷӯёни ӯзбекистонӣ таҳсил мегирем, дар оянда низ барои мустаҳкам кардани робитаҳои дӯстии халқҳои ӯзбеку тоҷик хидмат хоҳад кард.

Шоҳрухбек РАҲИМОВ, донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд.

Сафири Ӯзбекистон дар ИМА Ҷавлон Ваҳобов бо роҳбарияти Комиссияи ИМА оид ба озодии байналхалқии динӣ (USCIRF) мулоқот кард. USCIRF – мақомоти мустақили машваратии ҳукумати ИМА ба шумор рафта, соли 1998 дар пояи дуҳизбӣ мувофиқи Ҳуҷҷат дар бораи озодии байналхалқии динӣ (IRFA) таъсис ёфтааст. Комиссия бинобар риояи ҳуқуқ ва озодиҳои динӣ ва эътиқод дар олам мониторинг баргузор мекунад ва бобати сиёсат дар соҳаи мазкур ба Президент, Котиби давлатӣ ва Конгресси ИМА тавсияҳо медиҳад. Дар маърӯзаҳои ҳарсолаи худ Комиссия ба Департаменти давлатӣ пешниҳод менамояд, ки ин ё он мамлакатро ба табақаи «кишваре, ки боиси ташвиши махсус (CRC) дар соҳаи озодии динӣ мебошад», ё худ ба «рӯйхати махсуси таҳти муоина» дохил намояд.

КОМИССИЯИ ИМА ПЕШРАФТИ ЎЗБЕКИСТОНРО БИНОБАР ТАЪМИН СОХТАНИ ОЗОДИҲОИ ДИНӢ ТАБРИК МЕКУНАД

Дар мулоқот комиссионерҳо Надин Маэнза ва Нури Туркел, ҳамчунин сармуҳаққиқи USCIRF Келли Бэйкен иштирок карданд.

Навгониҳои асосӣ дар лоиҳаи қонун оид ба озодии вичдони созмонҳои динӣ, ҳамчунин корҳое, ки дар Ӯзбекистон бинобар соддакунии тартиби бақайдгирӣ ва кори созмонҳои динӣ, декриминализатсия ва дерадикализатсияи ашхосе, ки пештар барои иштирокашон дар ташкилотҳои манъшуда маҳкум шудаанд, мавзӯи гуфтушунидҳо қарор гирифтанд.

Намояндагони Комиссия пешрафти Ӯзбекистонро бинобар таъмин сохтани озодиҳои динӣ, барӯйхатгирии созмонҳои динӣ, аз ҷумла созмонҳои ғайриисломӣ, ҳамчунин озод карда шудани шахсоне, ки пештар барои иштирокашон дар экстремизми динӣ айбдор карда шуда буданд, баланд арзёбӣ карданд. Бомуваффақият татбиқ гардидани панҷ амалиёти башардӯстонаи «Меҳр» аз ҷониби Ӯзбекистон, ки боиси аз минтақаҳои зиддиятҳои яроқнок ба Ватан баргаштани зиёда аз 530 занону кӯдакон гардид, махсус таъкид шуд. Комиссионерҳо афзалиятҳои кори роҳбарияти мамлакатро бобати ҳифзи онҳое, ки ба вазъияти мураккаб афтодаанд, соддатар кардани реабилитатсия ва реинтегратсияи ҳарчи зудтари онҳо дар ҷомеа таъкид сохтанд.

Комиссионерҳо нақшаи моҳи декабр баргузор кардани анҷумани байналхалқии «Мулоқоти баённомаҳо»-ро дастгирӣ намуданд ва муҳимияти бинобар натиҷаи конфронс қабул гардидани «Баённомаи Бухоро»-ро бо сабти равандҳои модели хоси ӯзбекистонии пешбурди озодиҳои динӣ ва аксуламал ба радикализатсия, аз ҳама муҳимаш, аз тариқи маърифат қайд карданд.

Хотиррасон менамоем, ки соли 2020-ум Комиссия дар маърӯзаи ҳарсолаи худ бори аввал дар тӯли 15 сол ба Департаменти давлатии ИМА барои Ӯзбекистонро ба рӯйхати кишварҳое, ки дар соҳаи озодиҳои динӣ боиси ташвиши махсус мебошанд, даровардан тавсия надод. Моҳи декабри соли гузашта Котиби давлатии ИМА Ӯзбекистонро аз рӯйхати кишварҳое, ки вайронкунандагони озодии эътиқоди динӣ мебошанд, хориҷ кард.

АИ «Дунё»,
ВАШИНГТОН.

Ба маҳаллаи мо ҳам биёед

АЗ МАҲАЛЛАИ ОБОД, АҲОЛӢ ХУРСАНДУ ШОД

Баланд бардоштани эътибори маҳалла танҳо масъалаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нест, балки он масъалаи сиёсӣ, маърифатӣ ва маънавӣ низ мебошад.

Шавкат МИРЗИЁЕВ.

Мардуми мо дар меҳмондӯстиву меҳмоннавозӣ назир надорад. Расму ойин ва анъанаҳои мардум чунин аст. Дар ноҳияи Бахмали вилояти Ҷиззах як гурӯҳ журналистони маҳалливу хоричӣ ва блогнависон маҳз ана ҳамин гуна самимона ва хуш истиқбол гирифта шуданд.

Сафари навбатии матбуотӣ таҳти унвони “Ба маҳаллаи мо низ биёед” сурат гирифт.

Аввал аз бинои наву муҷаҳҳази бахши ноҳиявии пуштбонӣ аз маҳалла ва оила боздид намудем. Дар ин ҷо даҳ нафар машғули кор буданд. Баъд моро ба маросими кушодашавии бинои наву замонавии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Нурафшон” даъват карданд.

– Шумо аввал нону намаки моро чашед, онгоҳ худро ҳаргиз бегона ҳис намекунед. Ба ин гӯшаи биҳиштосо ва мардумаш дилкушоду дилписанд ҳамаи шуморо самимона хайра мақдам мегӯям!– гуфт ҳокими ноҳия Мӯсо Анорбоев.

Як гурӯҳ мӯйсафедон ва занҳои синнашон бузург низ, ки дар ин маросим ширкат мекарданд, ба ҳокими ноҳия пайваста аз меҳмонон истиқбол намуданд.

– Ноҳияи Бахмал бо ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакенти Тоҷикистон марзҳои муштарак дорад. Рӯзи кушодашавии бинои нави ҷамоати шаҳрвандон ба рӯзе рост омад, ки сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистони ҳамҷавор ташриф оварданд. Ин сафар дӯстиву рафоқат ва ҳамкориҳои мову тоҷиконро беш аз пеш мустаҳкам хоҳад кард,– изҳор намуд Мӯсо Анорбоев.

– Кайҳо боз орзу мекардам, ки ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаамон соҳиби бинои наву замонавӣ гардад. Баъди машварат бо пирҳоям қарор кардем, ки як қисми маблағи бинои ҷамоати маҳалларо аз ҳисоби буҷаи хонаводаамон пардозем. Дар шафати ин бино як иншооти думанзила сохта, онро ба ҷавонони маҳалла туҳфа кардем. Ҳоло он ҷо “Гузари ҷавонон” ном гирифтааст ва аллакай ба ҷои дӯстдоштаи ҷавонон табдил ёфтааст. Дар як хонаи он занону духтарон машғули дӯзандагӣ мебошанд,– мегӯяд сокини “Нурафшон” Улуғбекҳоҷӣ Ҷуманов.

Маълум шуд, ки вай аз шахсиятҳои саховатпешаи ин ҷамоат муаррифӣ шудааст. Дасти саховати вай беш аз пеш дарозтар мегардад ва ҷанду пеш ба оилаҳои камбизоати маҳалла 50 халта орди навъи олӣ ва 50 зарф равғани 5-литрӣ ҳадя намудааст.

Вай ишора кард, ки ғайр аз он ки дар рушду ривоҷи ноҳияи Бахмал саҳм гирифтааст, ҳамчунин солҳои зиёд дар идораҳои обёрии ноҳияҳои Мирзоҷӯл ва Булунғур низ вазифа анҷом додааст. Тавре ки ӯ тазаккур дод, аз сиёсати хирадмандонаи сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев хеле розӣ аст. Зеро ӯ 1,8 гектар майдон мавҷуд буда, ба кишту парвариши зироати гуногун машғул мебошад.

– Дар оғози соли равон панҷоҳ сотих замини хоҷагии фермериамонро барои сохтани гармхона ва парвариши бодиринги навъи “Орзу” ҷудо кардем. Дар бунёди он як қисми маблағ аз ҳисоби кредити имтиёзноки бонк харҷ гардид. Дар ин гармхона шаш нафар ба кори доимӣ ва 10 нафар ба кори мавсимӣ ҷалб шудаанд. То ин давраи мавсим ба бозорҳои ноҳия ва дил, ҳамчунин барқарор намудани хотира хеле муфид мебошад. Корхонаи муштараки Ӯзбекистон – Италия – “BMB-OPERA ZAFFERANO” дар айни ҳол ба парвариш ва фурӯши ин маҳсулот машғул мебошад. Мудири иҷроияи корхонаи мазкур Абдурашид Шарофиддиновро ба суҳбат кашидем.

– Гули заъфарон аз гарониарин растаниҳо ба шумор меравад. Дар бозори ҷаҳонӣ онро “Тиллои сурх”низ меноманд. Як кило гули заъфарон, бо дарназардошти сифати он, то 30 ҳазор евро арзиш дорад. Тухмии растании заъфаронро аз Италия оварда коштем. Ҳоло дар майдони панҷоҳ гектар ин растаниро парвариш мекунем, – мегӯяд Шарофиддинов.

– Чаро асосан занону духтарон ба кор ҷалб шудаанд?– пурсидем аз мудири иҷроияи корхона.

– Гули заъфарон хеле гули нозук аст ва онро танҳо дастони нозук чида метавонанд, барои ҳамин дар ҷамъоварӣ ва банду басти он асосан аз занон истифода мекунем. Соли равон дар корҳои мавсимӣ мо ҳудуди ҳашт ҳазор занону духтарони маҳаллиро ба кор ҷалб намудем, – изҳор кард Шарофиддинов.

Ногуфта намонад, ки 90 дарсади маҳсулоти заъфарони ҷаҳон дар Эрон парвариш карда мешавад. Дар айни ҳол Ӯзбекистон низ ба ин қатор шомил шудааст. Мудири иҷроияи корхона боз тазаккур дод, ки аллакай маҳсулоти онҳо ба харидорони ҷиддӣ дастрас шудааст ва эҳтиёҷ нисбати он дар дохили кишвар беш аз пеш меафзояд.

Сафари матбуотии мо ба ҷониби ҷамоати шаҳрвандони “Узунбулоқ” идома кард. Дар ҳудуди ин ҷамоат лоиҳаҳое мавриди татбиқ қарор дода шудааанд, ки бар асоси он ва бо истифода аз оби дарёи Зарафшон як қисми аҳолии вилояти Ҷиззах бо оби нӯшокӣ таъмин хоҳанд шуд.

– Татбиқи лоиҳаи мазкур 576 миллиард сӯмро тақозо мекунад. Қарор аст, ки обе, ки аз дарёи Зарафшон тавассути лӯлаҳо ба ин ҳавзҳо мерезанд, полоиш мешавад ва аз ноҳияи Бахмал барои аҳолии шаҳрҳои Ҷиззах ва Ғаллаарал, ноҳияҳои Пахтакор, Дӯстлик, Шароф Рашидов ва Мирзоҷӯл тавассути лӯлаҳои ҳазордиаметрӣ интиқол меёбад. Масофаи умумии лӯлаҳои об 182 километрро ташкил менамояд,– гуфт масъули корҳои идории лоиҳаи мазкур Дилмурод Каримов.

Вай афзуд, ки дар ҳоли ҳозир 90 дарсади корҳои барномарезишуда анҷом пазируфтанд. Ба гуфтаи ӯ марҳилаи ниҳоии корҳои марбут ба ин лоиҳа то моҳи декабри соли равон ба фарҷом ҳоҳад расид.

Ноҳияи Бахмал барои рушди сайёҳӣ низ имкониятҳои фаровон доштааст. Ба ин зимни боздид аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Ӯрмончӣ” эътимод ҳосил кардем. Барои ҷалби сайёҳони маҳаллӣ ва хоричӣ дар ин ҷо кемпингҳои махсус ташкил кардааанд. Фароғатгоҳи “Бахмал” дар бағали кӯҳу адирҳо ва анбӯҳи дарахтзор воқеъ гаштааст. Маълум шуд, ки ҳудуди он ду гектар майдонро ишғол менамояд. Ин фароғатгоҳ даҳ кемпинги аз ҳар нигоҳ муҷаҳҳаз ва дорои шароити зарориро дар ихтиёри 150 нафар сайёҳон қарор додааст. Онҳо дар баробари он ки аз табиати гуворо, боду ҳавои хуш ва чаманзорҳои сабзу хуррам метавонанд бахра баранд, ҳамзамон бо кӯмаки шифокорон саломатии худро низ барқарор мекунанд.

Дар ин фасли гармо, ки одамони зиёд худро ба ҷойҳои сояву салқин мезананд, ҳавои ин ҷо аз тарафи шом хеле салқин мешудааст. Ҳатто бидуни либоси гарм кас наметавонистааст шабонгоҳ дар ҳавои кушод сайругашт кунад. Инро гурӯҳи сайёҳоне, ки ин ҷо истироҳат мекарданд, тасдиқ намуданд.

Ба ин тартиб, сафари навбатии матбуотӣ, ки Вазорати пуштбонӣ аз маҳалла ва оилаи ҷумҳурӣ барои журналистони маҳалливу хоричӣ ташкил карда буд, ба поён расид.

Мирасрор АҲРОРОВ,
муҳбири махсуси
“Овози тоҷик”.
Вилояти ҶИЗЗАХ.

ОБ – МАНБАИ ҲАЁТ

АҲАМИЯТИ ИНШООТҲОИ ОБТОЗАКУНӢ ДАР РОҲИ БА АҲОЛӢ РАСОНИДАНИ ОБИ ТОЗАИ ОШОМИДАНӢ

«Лоиҳаи беҳ намудани оби вилояти Ҷиззах аз ҳавзаи оби Зарафшон» калонтарин ва аҳамиятноктарин лоиҳа дар ин қаламрав ба шумор меравад.Тавассути ба кор андохтани ин лоиҳа аҳолии ноҳияҳои Ғаллаарал, Пахтакор, Дӯстлик, Мирзоҷӯл ва шаҳри Ҷиззах бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин мегарданд. Қимати умумии лоиҳа 576 миллиард сӯм мебошад. Ҳавзаи калоне, ки дар марҳилаи аввал об ғун меоваранд, 56 гектарро ташкил медиҳад. Аввал дар ҳавзи калон обро ҷамъ оварда, сипас ҷараёни софкунии онро ба иҷро мерасонанд. Бо ёрии лӯлаҳои об то манзили даркорӣ расонида мешавад. Масофаи миёни маҳаллаи Узунбулоқи ноҳияи Бахмал (ҷое, ки ин иншооти бузург сохта шудааст) ва ноҳияи Мирзоҷӯл 182 километр мебошад. Назар ба гуфти мутахассисони соҳа танҳо барои иҷрои як қисми корҳо, ки навад фоизро ташкил медиҳад, ҳамагӣ беш аз 84 миллиард сӯм маблағ аз ҳуд гардид.

Иншооти дигаре, ки дар бораи он сухан хоҳем гуфт, низ аҳамиятнок аст. Дар ин фасли гармои сол эҳтиёҷи аҳолиро нисбат ба оби тозаи ошомиданӣ қонеъ мегардонад. Ин иншооти обтозакунии Зомин мебошад.

– Ин иншооти обро аз соли 2014 инҷониб ҳар сол мониторинг мекунанд, – мегӯяд роҳбари дафтари матбуоти Садорати экология ва ҳифзи муҳити зисти вилоят Замира Абдуллоева. – Ҳаҷми ғунҷоиши об дар иншоот мувофиқи лоиҳа 250 метри мукааб буда, айни ҳол 242 метри мукааб оби равонро ғунҷонидааст. Дар ин ҷо низ дар марҳилаи аввал об ҷамъ оварда мешавад, сипас аз панҷараҳои оҳанин гузаронида мешавад. Баъде, ки ба ду аэротенк рехт, ҷараёни софкунӣ шуруъ меёбад. Дар он ҷо обҳои нотоза бо оксиген ва баъдтар бо омехтаи хлор безарар гардонида мешавад.

Агар солҳои пеш самаранокии ин иншооти об 65 фоизро ташкил дода бошад, айни замон ба 70-72 фоиз расидааст.

Ҳамаи ин корҳо ва пиёда гардонидани лоиҳаҳое, ки маблағи зиёдро талаб мекунад, танҳо ба хотири қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ нисбат ба оби тоза мебошад. Одамонро низ зарур аст, ки ба қадри ин неъмати табиӣ бирасанд ва беҳуда сарф нанамоянд, балки оқилона истифода баранд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Parvoz Xumo Ravnaq Trans» яке аз корхонаҳои намоёни саноатии вилояти Бухоро ба шумор меравад.

Маҷмӯи рангуборкунии ҶММ «Parvoz Xumo Ravnaq Trans»

Он дар пойгоҳи фабрикаи ресандагии Ғиждувон ба амал омада, нимаи дуюми соли 2018 ба фаъолият оғоз намуда буд.- Баъди аз ширкатҳои машҳури Олмон ва Шветсария харида гирифтани таҷҳизоти зарурии бофандагӣ дар ин ҷо соле истеҳсоли 9403 тонна калобаи пахтагин – маҳсулоти ҷавобгӯйи қолабҳои байналхалқӣ ба роҳ монда шуда, 450 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ гардида буданд. Соли ҷорӣ корхонаи номбурда 8 ҳазор тонна нахи пахтаро аз нав кор карда, ба андозаи 12 миллион доллари ИМА маҳсулоти он содир гардид. Ба қарибӣ ҶММ «Parvoz Xumo Ravnaq Trans» ба фаъолияти соҳаи нав – маҷмӯи рангуборкунии матоъ – ширкати «Haj Textile Group» ибтидо гузошт. Арзиши умумии он лоиҳа ба 25 миллион доллари ИМА (17 миллион доллар воми бонк ва 8 миллион доллар сармояи худи соҳибкор) баробар буда, дар натиҷа 400 ҷойи нави корӣ ба вуҷуд омад.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

БО ХАТСАЙРИ АВИАТСИОНӢ АЗ ФАРҒОНА БА КУРИЁИ ҶАНУБӢ 46 ТОННА ҒЕЛОС СОДИР ГАРДИД

Аз бандаргоҳи байналхалқии ҳавоии Фарғона бо хатсайри боркашонии ташкилшудаи авиатсионии Фарғона (Ӯзбекистон) – Инчхон (Куриёи Ҷанубӣ) 46 тонна маҳсулоти гелос, ки дар вилояти Фарғона парвариш шудааст 246 ҳазор доллар арзиш дорад, аз Фарғона ба Куриёи Ҷанубӣ фиристода шуд.

Тадбири мазкур, ки бо ташаббуси ҳокими вилоят амалӣ гардид, барои афзудани микдори содироти меваҷоти мо ва дастгирӣ кардани соҳибкорон иқдоми муҳим мебошад.

Ҷараёни расмикунонии содироти маҳсулоти гелос аз ҷониби ситоди гумруки фаъолияти иқтисоди хоричии «Қиргулӣ» ба тартиби содда ва зуд амалӣ гардид.

Яҳчоле, ки дар аэропорти байналхалқии Фарғона барои нигоҳ доштани маҳсулот пешбинӣ гардидааст, баҳри хуб нигоҳ доштан ва ба хориҷ фиристодани он имконият фароҳам меоварад.

Дар давраи сипаришудаи соли равон аз вилоят 420 тонна гелос, ки арзиши умумиаш ба 25,5 миллион доллар баробар аст, ба хориҷ содир шуд.

М.СУЛАЙМОНОВ,
хабарнигори ЎзА.

САФАР ДАР ВАТАН

Бо ташаббус ва дастгирии Федератсияи иттифоқи касабаи вилояти Ҷиззах 25 нафар фаъолони иттифоқи касабаи ноҳияҳо дар давоми 3 рӯз дар Хоразм буданд. Зиёратгарон ҷойҳои таърихии шаҳрҳои Хива ва Урганҷро тамошо карда бо тасаввуротҳои зиёд баргаштанд.

Суратгир: Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.

ХАБАРҲО

Платформаи электронӣ дар сохтори таълим

Аз 1 марти соли равон дар сохтори таълими халқ барои роҳбарон ва ходимони педагогӣ шакли кредитӣ-модулии такмили малака, ки ба тамоюли «Таҳсил дар давоми ҳаёт» асос ёфтааст, платформаи электронии муттасили таълими касбӣ корбаст гардид.

Акнун муаллимон дар давоми сол метавонанд дар шароит ва вазъияти дилхоҳашон малакаашонро такмил бахшанд. Роҳбарон ва ходимони педагогӣ аз имкониятҳои васеи платформаи электронӣ истифода бурда метавонанд.

Бахшида ба платформаи наве, ки дар шакли электронӣ ба кор андохта шуда, дар сохтори таълим самараи худ мебахшад, дар ААКО анҷумани матбуотӣ баргузор гардид.

Ҷонишини директор оиди корҳои илмии Институти илмӣ-тадқиқотии ба номи Авлонӣ Фарҳод Каримов таъкид сохт, тавассути ин платформа ба дарачаи дониши муаллим дар ҷараёни такмили маҳорат ба тарзи холисона баҳо додан мумкин.

Баъде шунаванда курсро азхуд намуд, ба ӯ сертификат дода мешавад.

Барои омӯзгороне, ки шогирдашон дар олимпиадаҳои фаннӣ ғолиб омадааст, акнун баъзе имтиёзҳо ҷорӣ мегарданд, гуфта шуд дар чорабинӣ. Вақте омӯзгорон ба платформа дар ин хусус маълумоти даркорӣ ворид месозанд, аз гузаштани курси такмили малака озод шуданашон мумкин.

Фикр ва ғояҳои ҷавонон – мавриди эътибор

Фикр ва ғояҳое, ки ҷавонон пешниҳод менамоянд, аз аҳамияти муҳим холӣ не. 27 январи соли равон роҳбари давлати мо дар ҷамъомади видеоселекторӣ бо мақсади кашф кардани ҷавонони соҳибиқтидор, ҳарҷониба дастгирӣ намудани ташаббусу кӯшишҳои онҳо лоиҳаи «Барои Ӯзбекистон 100 ғоя»-ро таклиф намуда буд.

Дар доираи лоиҳа барои ба амал бароварданӣ ғояҳои ҷавонон дар соҳаҳои иқтисодиёт, таълим, варзиш, тандурустӣ ва технологияи иттилоотӣ фароҳам овардани шароит мавриди назар қарор гирифт ва саъйҳо дар ин самт самара бахшиданд.

Инак, барои иштирок дар лоиҳаи доманфарох дар саросари ҷумҳурӣ қабули аризаҳо оғоз ёфтааст. Ҷавонони аз 14 то 30-сола барои ривоҷ додани Ӯзбекистон, ҳамчунин баҳри ҳалли муаммову мушкилот дар ин ё он соҳа ғоя ва таклифҳои худро тавсия карда метавонанд. Агентии кор бо ҷавонони ҷумҳурӣ, Вазорати рушди инноватсионӣ, IT-парк ва офиси лоиҳаи 5 ташаббуси Президент ташкилотчиёни лоиҳа дар самтҳои илму фан, тандурустӣ, маданият ва санъат, медиа, спорт ва сайёҳӣ, рушди хидматҳои давлатӣ, соҳибкорӣ ва шуғл, кишоварзӣ ва ирригатсия, технологияи иттилоотӣ ва инноватсия, экология ва ҳоказо мебошанд.

Ба озмун аризаҳо то 20 июн қабул карда мешаванд. Барои татбиқи беҳтарин лоиҳаҳо дар амалиёт чораҳо андешида ва ҷавононе, ки ғояҳои ҷолиб пешниҳод кардааанд, мукофотонида мешаванд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ЗАҲИРИДДИН МУҲАММАД БОБУР

ва саҳми ӯ дар тарбияи фарзандон

Заҳириддин Муҳаммад ибни Умаршайх Мирзо, ки шахсияташ мавриди таъзиму эҳтиром қарор гирифтааст, соли 1483 дар Андиҷон дида ба дунё кушод. Падараш Умаршайх Мирзо ҳокими Фарғона ва модараш Қутлуғ Нигорхонум духтари ҳокими Тошканд Юнусхон буд. Бобур Мирзо тарбияи аввалро дар оила, зери парастории модари оқилаву фозилаи худ гирифт. Бобур аллакай дар 12-солагӣ аз падар маҳрум шуда буд. Модараш ба ҷойи падар мададгор ва парастори Бобур шуд ва фарзандашро аз илму санъат, маҳорати пойдории давлат ва ҳисоби мулки салтанат бархӯрдор намуд. Модар ҳамеша ҳамсафар ва раҳбалади писар шуда, дар парвариши истеъдодҳои ӯ ва пешравии ояндааш хизмати шоёне ба итмом расонид.

Дар тарбияти Бобур модарбузурги модарии вай Эсондавлатбегим ҳиммати зиёд гузорид ва дар «Бобурнома» вай чун зани оқила ва пухтакор, ки ҳатто дар корҳои давлатӣ низ бо ӯ машварат ва маслиҳат мекарданд, ёд мешавад. Модарбузург то ба воя расидани Бобур дар Андиҷон якҷоя зиндагӣ карда, фазои илму маърифатро барои набераашро ороста гардонид.

Бобур пайваста бо дарсу тадрис машғул шуд ва дар аз худ кардани илмҳои замона дастболо гардид. Аз беҳтарин омӯзгорони мактаби дарборӣ илми фиқҳ ва забонҳои форсиву арабиро аз бар намуда, дар саркардагӣ низ маҳорат пайдо кард.

Бояд қайд кард, ки модари Бобур Мирзо аз занҳои оддӣ набуд. Вай қавиирода ва ҷасур буда, дар шароити ҳукмронии таассуби жарф ба дину оинҳои исломӣ тавонист, фарзанди худро аз ҳамзамонон ва чашми душманон дур нигоҳ дошта, дар илмҳо хирадманду дар амалҳо чорачӯй намояд. Аз рӯзҳои аввали тавлид модар навозишкорона ӯро «бабр» меномид ва дигарон низ ӯро ба чунин ном муносиб медонистанд. Дар бораи таърихи ба Заҳириддин Муҳаммад додани номи «Бобур» дар «Таърихи Рашидӣ»-и Муҳаммад Ҳайдар низ бо ҳамин маъно ишора шудааст.

Бобур аз давраи ҷавонӣ то ба охири умр, сарпараст ва саркори аҳли илму адаб буд. Ӯ пайваста эҷод мекард ва дар 19-солагӣ рубоӣ ва ғазалҳо офарид. Муҳаббати пок ва одобу идрокро тараннум намуда, доираи эҷоди худро ба 119 ғазал, 209 рубоӣ, зиёда аз 10 қитъа, аз 60 зиёд фарду 8 маснавӣ расонид. Девони Бобур 270 байтро дар бар мегирад.

Дар санъати мусиқӣ ва ҳарбӣ низ навиштаҳо боқӣ гузошта, асари мукаммали «Мубаййин»-ро офарид, ки қонунҳои шариатро таъриф дода, оид ба рӯйдодҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Мовароураннаҳр маълумоти нодир дорад. Гарчанде тахту тоҷи шохӣ ва устодони зиёди дарборӣ дар канор дошт, ӯ ҷилави тарбияи фарзандонашро ҳеҷ гоҳ аз даст намедод. Бинобарин, «Мубаййин»-ро ӯ ба валиаҳдони худ – Ҳумоюн ва Комрон чун дастури амал ва адабнома ҳадя намуд. Дар асари худ «Хатти Бобурӣ» вай алифбои арабиро таҳрир намуда, ба забони туркӣ мутобиқ сохт.

Асари беназири ӯ «Бобурнома» бо забони туркии чиғатоӣ офарида шудааст, ки Алишер Навоӣ ин забонро хеле такмил бахшида буд. Дертар он ба забони форсӣ тарҷума карда шуд.

Бобур ҳамеша бо аҳли вузаро ва надимони худ суҳбат ороста, чун шахси фарҳангпарвар ва донишманди замони худ эҳтиромӣ аҳли маърифати давлатро ба ҷо оварда, бо машварати онҳо кор карданро авло медонист.

Рӯзгор дар ғарибӣ вазъи саломатии ӯро коста, гирифтори маризиҳои пай дар ҳам карданд. Бобур Мирзо, дар ҳама рӯзҳои мушкил аз рӯҳи Хоҷа Аҳрори Валӣ, ки ихлосаш беканор буд, наҷот мепурсид. Ҳамин буд, ки ӯ асари «Волидия»-и Хоҷа Аҳрори Валиро аз наср ба назм баргардонида, дар муддати хеле кӯтоҳ ба охир мерасонад. Бо қудрати илоҳӣ, баробари ба охир расидани тарҷумаи асар, вазъи саломатии ӯ низ беҳ шуда, рӯ ба шифо меорад.

Бобур пайваста аз болои асари таърихии худ «Бобурнома» кор карда, шеър, ғазал, шарҳи ҳоли худро муфассал сабт намуд, ба фарзандонаш мактубҳои васиятӣ навишт, тахту тоҷро ба Ҳумоюн бахшидани худро иброз дошт. Ӯ дар 47-солагӣ дар шаҳри Аграи Ҳиндустон вафот кард.

Фикру зикри равшан, ободихоҳиву бунёдкорӣ, саховатпешагию фарҳангсолории Бобур буд, ки дар оянда ин сулола дар риштаи ободгариву созандагӣ ва илмомӯзиву донишмандӣ мактабҳои худро таъсис дода, ҷадди Бобуриёнро машҳури ҷаҳон гардонид. Дар асрҳои XV-XVII заминҳои ин кишвар Афғонистони Шарқӣ, Панҷоб, водии Гангро то ба хоки Банғола дар бар мегирифт. Номи Бобур, чун давомдиҳандаи кори Амир Темур дар таърихи башар, замони салтанати вай чун давраи пуршукӯҳи тараққиёти таърих боқӣ монд ва беҳуда нест, ки дар таърих ин давраро чун давраи тиллоии густариши илму фарҳанги Гӯрконӣ, Кӯрагонӣ, Мӯғулҳои Бузург, Темуриён ё Бобуриён ба забон мегиранд.

Бобур Мирзо аз ҳар гӯшаву канори Хуросон ва Мовароураннаҳр каримони беҳтаринро даъват карда, инъомҳои беҳтарин бар онҳо бахшид, то ки онҳо мураббии фарзандонаш бошанд. Барои зиндагонии бофароғати устодон ва фарзандон хонаҳои алоҳида ҷиҳозонида буд ва дар ин бора Гулбаданбегим дар «Ҳумоюннома» ишорае гузоштааст, ки гӯё ҳама зери назари падар анҷом пазируфтааст. Мувофиқи зикри Гулбаданбегим яке аз ин токчаҳо сӯйи Девонхона, ки дар тарафи қибла буд, нигаронида шуда буд, дуюм, сӯйи боғ, яъне Шарқ, сеюм сӯйи хонаи ҳаштбурҷа, яъне ҷануб, чаҳорумӣ рӯ ба рӯйи хонаи ҳашткунҷа, яъне сӯйи Шимол майл дошт. Дар болои се хонаи боло, боз се болохона қад афрохта, хонаи аввал «Хонаи Давлат» ном доштааст, ки дар он нӯҳ асбоби ҷангӣ овезон буд. Хонаи дуюм, «Хонаи Саодат» ном дошт, ки дар он ҷойнамоз, китобҳо, қаламдони оби зарҳал давондашуда, ҷузвдони хеле зебо, маҷмӯи расмҳо ва ҳоказо нигоҳ дошта мешуд.

Ин сипаҳсолори комгору босаодат ҳазорҳо ҳунармандонро даъват намуда, асбоби зиндагонии онҳоро муҳайё сохт, то ин ки дар салтанати худ барои аҳли фозилон ва мураббиёни заҳматкаш муҳити эҷодкориву фараҳмандӣ фароҳам созад. Боғу гулгаштҳои дарбор ва берун аз он ҷойи таҳсил ва фароғати фарзандон ва мураббиёни онҳо гардида, гузашта аз он, ҳазорон адибон ва фозилон, ҳунармандон ва санъаткорон дар ин ҷо аз марҳамати ӯ баҳраманд гардиданд.

Зери назорати устодони давр фарзандон ҳамчунин бозиҳои дӯстдоштаи худро бо бачагони хонавода якҷоя бозӣ мекарданд. Занҳо низ дар ҳавои биҳиштосои дарбор ба тарбияи фарзандони худ машғул мешуданд ва ё базми лолаву гул меоростанд. Дар ин гуна базмҳо духтарон бо либосҳои мардона бозӣ карданро дӯст медоштанд. Гулбаданбегим дар «Ҳумоюннома» дар қасри нави Комроншоҳ баргузор гардидани мусобиқаҳои занона оид ба захгиртарошӣ, чавгонбозӣ, тирандозиро қайд кардааст. Ҳамчунин дар бораи ҳунари навозандагии бисёрии занҳо маълумот гирд овардааст.

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

МАТНИ “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ” БА НАСР

Аз “агар” гуфтан бупарҳез, ки “агар” гуфтан кори шайтон аст

Дармондае шитобон хонае ҷустуҷӯ мекард, то онро бихараду сарпаноҳи худ кунад. Дӯсте аз ҳоли ӯ хабардор гашт ва ба манзури кӯмак ӯро ба сӯйи хонае бурд, ки харобиҳои зиёд дошт. Чун ба хонаву ҷой расиданд, гуфт: “Агар ин хонаро сақфе дуруст мебуд, нафақат ман, балки ту ҳам метавонистӣ дар паҳлӯйи ман маскан бигзинӣ (интихоб кунӣ) ва агар дар миёнаи ҳавлияш ҳуҷрае дигар медошт, туву аҳлу аёлат дар он ҳуҷра дар паҳлӯйи ман меосудед”. Дармондаи бечора аз ин “агару магар”-ҳо ба танг омада фармуд: “Бале, эй дӯсти азизи ман, дар паҳлӯйи ёрон зиндагӣ кардан хуш аст, вале дар “агар” магар мешавад зист?...”:

Гуфт: “Оре, паҳлӯи ёрон хуш аст,
Лек, эй ҷон, дар “агар” натвон нишаст”.

Ёддошт: тамаъ кардан аз хомист ва он дар башар иллату нуқсонҳо падид хоҳад овард. Набояд гуфт, ки фалонӣ ногаҳон ганҷи фаровоне ёфт, ман ҳам агар мисли ӯ бошаму монанди ӯ кунам, зару ганҷам фаровон хоҳад шуд:

Тамъ хом аст, ҳон, махур хом, эй писар,
Хом хурдан иллат орад дар башар.
К-он фалонӣ ёфт ганҷе ногаҳон,
Ман ҳам он хоҳам, чаро ҷӯям дугон?...

На, ин тавр нест, кори фалонӣ ва ногаҳон ганҷе ёфтани он ба ту ҳеҷ рабте надорад, ту то замоне, ки қудрат дорӣ, бояд касбу ҳунари худро ба кор барӣ, ба вижа, коре, ки бо касбу ҳунар хуб анҷом мепазирад, дар натиҷа он кор дарҳои ганҷро бар рӯйи ту боз хоҳад кард:

Кори бахт аст ин ва он ҳам нодир аст,
Насб бояд кард то тан қодир аст.
Насб кардан ганҷро монеъ кай аст...
По макаш аз кор, ганҷаш дар пай аст.

Ту ҳеч гоҳ гирди гирдоби “агару магар”-ҳо магард ва магӯ, ки агар ин тавр мекардам, он тавр мешуд ва агар он тавр мекардам, ин тавр мешуд ва агар ин тавру он тавр мекардам зару ганҷи фаровоне ба дастам меомад... Ва медон, ки Мустафои бо сулҳу сафои мо моро аз “агар”-ҳо манъ карда, онро тухми нифоқ хондааст:

Аз “агар” гуфтан Расули бовифоқ,
Манъ карду гуфт: “Ҳаст он аз нифоқ”.

Ёддошт: Байти охири Мавлоно ишора аст ба ҳадиси Паёмбар: “Ийока ва “лав” ва инна “Лав” мина-шшайтони” – Аз “агар” гуфтан (то тавонӣ) бупарҳез, ки “агар” гуфтан кори шайтон аст:

Моро ҳама ранҷ аз тамаи хом афтад,
В-аз фитнаи нафсу хориши ком афтад.
Мурғе, ки барои дона дар дом афтад,
Андар қафаси тангу сари бом афтад...

(Аз рубоиёти Мавлоно)

Суютӣ ва Зоконӣ низ ин ҳадисро дар осори худ овардаанд.

Дар чунин хона бибояд ристан

Гадое ба дари хонае омад ва нони хушке ва ё тарно (хӯрдании таре, нонхурише) талабид. Соҳибхона ба ҷӯш омаду гуфт: “Ин ҷо нон аз куҷо пайдо кунам, магар ин хона дукони нонвост, ки ту омадаиву хирагӣ мекунӣ?...”.

Соиле омад ба сӯйи хонае,
Хушкноне хост бо тарнонае.
Гуфт соҳибхона: “Ин ҷо нон куҷост...,
Хирагӣ, ин не дукони нонвост!”

Гадо гуфт: “Пас порае пайҳамам (равғани сафеди рӯйи гӯшт) бидеҳ”. Соҳибхона гуфт: “Ин ҷо дукони қассоб нест, ки туро пайҳам бидиҳам”. Гадо гуфт: “Пас муште ордам бидеҳ, эй кадхудо”. Соҳибхона гуфт: “Магар пиндоштӣ, ки ин ҷо осиёст?”...

Гадо гуфт: “Пас як коса обе аз мақраъа (чӯй) ба ман бидеҳ”. Кадбону гуфт: “Ин ҷо наҳру ҷӯй нест, об надорам, ки ба ту бидаҳам”:

Гуфт: “Охир пораи пайҳам биёб”,
Гуфт: “Ин ҷо нест дуккони қассоб”.
Гуфт: “Муште орд деҳ, эй кадхудо”.
Гуфт: “Пиндорӣ, ки ҳаст ин осиё?...”,
Гуфт: “Боре обдеҳ аз мақраъа”,
Гуфт: “Не, не! Нест ҷӯ, ё машраъа” (чашма).

Хулоса, ҳар чӣ, ки гадо металабид, кадхудои хона ба ӯ намедод. Гадои бечора дар ёди чарбаке (нони равғание) ва нону сабӯсе басо афсӯсҳо хӯрд ва сипас аз хона бадар рафту дар паси девор доманашро боло бурд ва мехост бо ҳузури дил (аз таҳи дил) дар паси дари он хона ахлоти шикамашро фориғ кунад:

Ҳар чӣ ӯ мехост аз нону сабӯс,
“Чарбаке” мегуфту мекардаш фусӯс.
Он гадо даррафту доман даркашид,
В-андар он хона ба ҳисбат хост рид.

Соҳибхона чун ин ҳол бидид ба гадо гуфт:

“Ҳей, ҳей, чӣ кор мекунӣ, бешарм...”. Гадо гуфт: “Гум шав, эй дижам (дилтанги бахил), то ки шиками худро дар ин вайрона фориғ кунам. Вайронаи ту ваҷҳи (василаи) зистан надорад ва дар он ристан беҳтар аз зистан аст”:

Гуфт: “Ҳей, ҳей!”, гуфт: “Тан зан, эй дижам,
То дар ин вайрона худ фориғ кунам.
Чун дар ин ҷо нест ваҷҳи зистан,
Дар чунин хона бибояд ристан!”.

Баргардониши **Файзхоҷа МАҲМУД.**

Таҳлил, танқид, таклиф

ДАВЛАТИ ҶАВОНОНАШ ПУРИҚТИДОР – ОЯНДАДОР

Ҷавонон ва масъалаҳое, ки ба таълиму тарзи зист, фаъолияти илмиву эҷодӣ, ниёзҳои маънавию иҷтимоии онҳо вобаста аст, ҳамеша дар маркази эътибори давлат қарор гирифта ва насли ҷавон, ки имрӯзу ояндаи ҷамъияти мост, мавриди ғамхории ҳамаҷониба мебошад.

Ҳанӯз соли 2001 бо мақсади сарҷамъсозии авлоди баркамол ва тарбияи онҳо дар рӯҳи ғояи истиқлолияти миллӣ Ҷунбиши иҷтимоии ҷавонон «Камолот» ташкил ёфта буд. Созмон тӯли солҳои зиёд дар роҳи камоли ҳарҷонибаи насли ҷавон воқеан хидмати сазовор кард. Вале фаъолияти он, айни замон, аз норасоиҳо холӣ набуд. Дар ҳалли аксар масъалаҳои ҳаётие, ки вобаста ба ҷавонон мебошанд, оҷизӣ ва каммасъулиятии ин созмон то андозае ҳис гашт.

Мувофиқи қарори Президент аз 30 июни соли 2017 аввала Ҷунбиши иҷтимоии ҷавонон «Камолот» бо унвони «Иттифоқи ҷавонон» аз нав ташкил гардид. Дар ҳуҷҷат камбудиҳое, ки «Камолот» роҳ гузошт, қайд карда шуданд. Дар яке аз баромадҳои худ роҳбари давлат, аз ҷумла, қайд кард: «Хатоҳоро бояд дуруст намоем. Мақсади асосии мо танқид кардан не, балки муаммоҳоро дар вақташ пай бурдан ва ҳаллу фасл намудан».

«Иттифоқи ҷавонон» ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ташкилёбиаш ба иҷрои корҳои муҳиме, ки вобаста ба масъалаҳои ҷавононанд, ҷиддан шурӯъ сохт. Вазифаи он ба сифати ташкилоти ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ ҳамчун иҷрогари асосии сиёсати ҷавонон дар мамлакат муайян гашт. Бо вуҷуди ҳамин наҳама бовариҳоро, ки нисбаташ зоҳир шуда буданд, «Иттифоқи ҷавонон» сафед кард. Нисбати фаъолияте, ки пеш бурд, фикрҳои манфӣ низ баён карда шуданд. Алайҳи «иттиҳод» дар таркиби «Иттифоқи ҷавонон» ибораи «ҷавонони номуташаккил» пайдо гашт. Наҳама лоиҳаҳое, ки созмон пеш гузошт, дастгирӣ карда шуданд. Расо баъди як соли ташкилёбии «Иттифоқи ҷавонон» роҳи тайкардаи созмон аз ҷониби роҳбари давлат низ аз рӯи якчанд масъала мавриди танқид қарор ёфт. Аз ҷумла, ӯ зикр намуд Иттифоқи ҷавонон, ки бо мақсадҳои калон ба бунёд омад, ба масъалаи корбарии манзилнок ва сохторӣ бо насли ҷавон аз паси панҷа менигарад, муаммоҳо вобаста ба ҳаёти авлоди баркамол сариваҚт дида баромада намешаванд. Баъзе чорабиниҳое, ки созмон мегузаронад, ба худнамоии хушк ва дабдабабозӣ монанд буда, самараи дилхоҳ намебахшанд.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои рӯз дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон, барои дар ҳаёт мавқеи муносиб пайдо кардани онҳо кӯмакрасонист. Вале ин вазифаҳо, хусусан дар деҳоти дурдаст, чӣ тавр ба иҷро мерасанд? Биноҳои замонавие, ки як вақтҳо ба «Камолот» мутааллиқ буданд, тағйири ном карданд, ба хонаҳои эҷодии ҷавонон табдил ёфтанд. Аммо онҳо назар ба аввала серодамтар шуданд ё не? Воқеан, ҷавононе, ки ҳақиқатан эҷодкоранд, яъне истеъдоди модарзод доранд, баҳри рӯиоббарории мақсадҳо аз чӣ гуна имкониятҳо истифода бурда метавонанд? Барои рағбатноксозии ҷавонони қобилияткнок ва ташаббускор якчанд мукофот, аз ҷумла, барои фаъолтарин ҷавонони сол «Мукофоти Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон», барои ҷавононе, ки дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мамлакат фаъолнокӣ зоҳир менамоянд, нишони сарисинагии «Ӯзбекистон белгиси» таъсис ёфтаанд. Стипендияи «Иттифоқи ҷавонон» ташкил ёфтааст, ки дар пардохти 35 фоизи маблағи шартномавии донишҷӯёни фаъол ва ҳарҷониба худро нишон додан кӯмак мерасонад. Ғайр аз ин барои дастгирии онҳое, ки мехоҳанд ғояҳои инноватсионӣ ва креативро татбиқ созанд, озмуни гранти «Лоиҳаҳои инноватсионии олимони ҷавони ҷумҳурӣ» ба роҳ гузошта шудааст.

Сарчашмаи дониш ва биниш будани китоб ба касе сир нест. Аммо дар гузаштаи начандон дур дари китобхона ва дуконҳои зиёди китоб дар қаламрави ҷумҳурӣ пӯшида, аҳолӣ, хусусан ҷавонон, аз китоб ва мутолиа дур шуданд. Бобати бозгашт ба китоб ва тарғиби китобхонӣ шахсан роҳбари давлати мо ташаббус нишон дод. Ба тарзи анъанавӣ гузаронидани озмуни ҷумҳурии «Китобхони ҷавон» дар қалби фарзандонамон ба китобхонӣ, ташаккули маданияти мутолиа, ба китоб меҳрмониҳо мусоидат намуд. Голибони озмун аз рӯи синнҳои гуногун ба туҳфаи Президент – автомобили «Спарк» тақдиронида мешаванд. Фарзандон дар вазъияти тантанавӣ калиди автомобилҳоро ба волидони худ месупоранд...

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

Дар ноҳияи Китоб маркази IT ба кор шурӯъ кард

Самти сеюми панҷ ташаббуси муҳиме, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон пеш гузошта шудааст, ба аҳолӣ ва ҷавонон барои аз технологияҳои компутерӣ васеъ ва самарабахш истифода бурдан фароҳам овардани шароит, ҷавононро ба соҳибкории соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ҷалб кардан ба шумор меравад. Дар доираи ташаббуси мазкур садорати ҳудудии Вазорати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсияҳои вилояти Қашқадарё кори дар шаҳр ва ноҳияҳо ташкил кардани марказҳои хониши технологияҳои рақамиро идома медиҳад.

Бо вуҷуди он ки дар вилоят аз ба кор оғоз кардани марказҳои IT муддати зиёд нагузаштааст, дар ин давр аллакай беш аз ҳазор ҷавонон дар марказҳои мазкур таҳсил мегиранд. Ҳоли ҳозир фарогирии лоиҳаҳои «Футуре СКиллс Узбекистан», ки ба омӯзонидани ҷавонони бекор нигаронида шудааст ва «IT Women Уз 2021», ки барои занону духтарон махсус коркард гардидааст, торафт меафзояд.

Дар ҳудудҳои дурдасти воҳа низ ҷавонон ба соҳаи IT фаро гирифта мешаванд. Бо ин мақсад ба наздикӣ маросими кушоиши маркази нави IT дар ноҳияи Китоби вилоят воқеъ гардид.

Марказ мазкур дорои шароитҳои замонавӣ, интернети суръаташ баланд, барои курсҳои робототехника хона ва асбобу ускунаҳои махсус ва навъҳои охирини компутер мебошад. Дар маркази омӯзиш ҷавонон курсҳои «Дониши компутерӣ», «Барномасозии веб», «Ороиши хату сурат», «Офаридани иловаҳои мобилӣ» ва «Робототехника»-ро мехонанд ва сипас ба сифати барномасозони мукаммал кор карда метавонанд.

Дар сурат: *дар марказ IT.*

Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).

ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ МО ОЗОД ВА ФАРОВОН ЗИНДАГӢ МЕКУНЕМ,

мегӯянд сокинони ноҳияҳои Косонсой ва Чуст

Алҳол дар саросари кишвар барои сазовор пешвоз гирифтани 30-юмин солгарди истиқлолияти Ӯзбекистон ҳамаҷониба тайёрӣ дида мешавад. Таҳти шиори «Дар Ӯзбекистони нав озод ва фаровон зиндагӣ мекунем!» бо аъзои гурӯҳи тарғиботчиёне, ки аз пойтахт ва маркази вилоят ташриф овардаанд, чорабиниҳои маънавию маърифатӣ баргузор мешаванд. Чунин тадбирҳо дар ноҳияҳои Косонсой ва Чуст низ оғоз ёфтанд.

Гурӯҳи тарғиботчиён дар Маркази фарҳангии мавзеи «Қӯқимбой»-и ноҳияи Косонсой бо аҳолӣ вохӯрда, дар бораи ислоҳоти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат сухан гуфтанд ва таъкид намуданд, ки дар тамоми соҳаҳо комёбиҳои назаррас мушоҳида мешаванд.

Дар қисми бадеии чорабинӣ ҳунарпешаҳои шоистаи Ӯзбекистон, актёрони театри миллию академӣ Ҳоҷиакбар Комилов, Соҳибкамол Сайибназаров, сароянди эстрада корманди шоистаи маданияти Ӯзбекистон Нуриддин Аминҷон, сароянда Ҳамид Маллабоев, зарофатгӯёни шинохта Искандар Ҳамроқулов, Ориф Султонов ба дили ҷамъомадагон шодию сурур бахшиданд.

Чунин чорабинӣ бо аҳолии ноҳияи Косонсой дар истироҳатгоҳи бачагонаи «Соҳил» ва дар Маркази фарҳангии «Кушон»-и ноҳия баргузор гардид.

Дар тадбирҳо муовини мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Д. Кенҷаев, роҳбари шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Зиёвиддин Мансур, ҳокими ноҳияи Косонсой Б. Юсупов иштирок карданд.

Дар мактаби бачагонаи «Баркамол авлод»-и ноҳияи Чуст низ чунин чорабинӣ баргузор шуд.

Ҳунарпешагони дастаи рақсу суруди шуъбаи маданияти ноҳия «Чуст таронаҳои» ҳофизон Д.Темиров, С.Тӯхтабоев, Б.Аҳмедов, раққосаҳо С.Шораҳимова, Н.Сотимова бо суруду рақсҳои ҷолиб ҳозиронро хушнуд намуданд.

Дар чорабинӣ Ҳунарпешаи шоистаи Ӯзбекистон Яҳёбек Мӯъминов, актёри театри академии милливу драмавии Ӯзбекистон Шукрулло Сӯфиев, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Бобур Бобомурод, сарояндагони филармонияи вилояти Намангон Бекмирза Дадобоев, Умидҷон Мадалиев ва ғайра баромад карданд.

Тадбирҳои ҳаммонанд дар марказҳои фарҳангии деҳкадаҳои Варзик ва Ғаво баргузор шуданд.

– Дар чорабиниҳои бахшида ба 30-юмин солгарди истиқлолияти Ӯзбекистон таҳти шиори «Дар Ӯзбекистони нав озод ва фаровон зиндагӣ мекунем!» тақрибан 3 ҳазор нафар сокинони ноҳияамон ширкат варзиданд, – гуфт роҳбари шуъбаи Маркази маънавият ва маърифати ноҳияи Чуст Саида Насимхонова.

Дар тадбирҳои идонаи воқеъ дар ноҳияи Чуст муовини мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Д. Кенҷаев, ҷонишини ҳокими вилояти Намангон Ғ. Муродхӯҷаев иштирок доштанд.

А. МУРОДОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАМАНГОН.

ЗАҲИРИДДИН МУҲАММАД БОБУР

ва саҳми ӯ дар тарбияи фарзандон

(Аввалаш дар саҳ.3).

Баъзан занҳо либосҳои ҳиндӣ низ пӯшида мебаромаданд, ки нишони ҳурмату эътирофи ҳиндуёни маҳаллӣ буд. Бобур дар қалби кӯчаки онҳо аз хурдсолӣ одобу рафтори шоиста, дину диёнат, меҳру муҳаббатро нисбат ба аъзоёни оила ва халқи одӣ тарбия менамуд. Чун байни кору бори давлатӣ фурсате муносиб меомад, бо онҳо суҳбат мекард, роҳ нишон медод. Бо фарзандони калонӣ ҳамеша ба воситаи мактуб робита дошт. Ҷойе насиҳат, ҷойи дигар сарзанишро дареғ намедошт. Онҳоро бо сахтгирӣ низ маломат мекард. Бахусус, нахустфарзанди худ Ҳумоюнро бештар мазаммат мекард. Дар мактубҳояш ӯ гоҳе аз шоҳбайтҳои бузургон ва гоҳе байтҳои худро ҷой дода, аз маслиҳатҳои судмандаш бахраманд мекард. Дар яке аз мактубҳояш падар Ҳумоюнро сарзаниш карда «коҳилӣ ба подшоҳӣ рост намеояд» мегӯяд ва байти зерро меорад:

Ҷаҳонгире таваккӯф бар наёбад,
Ҷаҳон онро бувад, ки беҳ шитобад.

Бобур ҳамеша насиҳат мекард, ки писарон бо меҳру муҳаббат бошанд, ҳамдигарро ҳурмат кунанд ва наранҷонанд. Онҳо аз ҷаҳолат дур бошанд, аз таҷовуз бар дигарон орӣ бошанд. Бо ҷавонмардҳои хубу шоиста дӯстӣ карда, ба онҳо илтифот нишон диҳанд. Силсилаи мукотиботи падар бо фарзандон аз маънавиёти волои Бобур дар таълиму тарбияи ҳар як фарзанд дарак медиҳанд. Номаи ӯ ба фарзандаш Комрон зери сарлавҳаи: «Насиҳатномаи Бобуршоҳ ба фарзанди худ Мирзои Комгор», ки аз Ҳиндустон ба Қандаҳор фиристода буд, на танҳо аз ҷиҳати мазмун ва маънавияти баландро соҳиб аст, балки аз ҷиҳати офаринишӣ сухан ва обу ранги он ҷолиби таваҷҷӯҳ аст: «...бо атрофиёну ҳамнишинон ва мулозимини дохилии худ ба омӯзиши сабақ рӯҷӯ овардай. Аз ин ҷиҳат ба қалб сурур, ба хотир ҳузур расида, бисёр хушҳолӣ содир шуд. Аз даргоҳи Аллоҳи таъоло умед дорам, ки дар боби тамоми қобилият ва салоҳият мукаммал ба воя хоҳӣ расид». Ва дар давоми он ба фарзандаш насиҳат мекунад, ки зинҳор суханҳои зерини Ҳоҷа Ҳофизро фаромӯш насозад ва тариқи зиндагии худ қарор диҳад:

Пирон сухан зи таҷриба гӯянду
гуфтамат,
Ҳон, эй писар, ки пир шавӣ,
панд гӯш кун!»

Ӯ ба фарзандаш боз таъкид мекунад, ки ба суханҳои хушомадгӯён фирефта мабош ва агар хоҳӣ, ки давлати ту поянда бошад, шунидани суханҳои қабеҳро низ ёд гир, чунки «Дӯст гирёнда сухан кунад, душман хандонда». Беҳуда барои дӯстро аз душман ҷудо кардан нафармудаанд: «Ҷойе гул бошад, гул бош, ҷойе хор бошад, хор».

Бобур тавонист, барои фарзандонаш дар заминаи мухталифи илму адаб таълиму тадрис ва тарбиятро ба роҳ монад ва дар қалби онҳо равшанфикриву фарҳангпазириро ҷой диҳад.

Нахустписари Бобур Мирзо – Ҳумоюн Мирзо соли 1507 дар Кобул таваллуд ёфтааст. Модари ӯ Моҳимбегим, духтари яке аз бекзодаҳои Султон Ҳусайн Бойқаро буд. Чун пайрави афкори падар ва пайванди кирдори падар Ҳумоюн дар илму фан маҳорати босазо ва дар сухан табъи воло дошт. Назари пухтаву санҷидаи ӯ боиси пешравии давлат ва пойдории вахдати ҳиндуён ва бобуриён гардида, давоми 26 соли дигар баъди фавти падар империяи бобоиро мавриди ҳидоят қарор дод.

Ҳумоюн Мирзо дар шеъру шоирӣ ҳунари шоиста дошта, аз худ як девони начандон калон боқӣ гузошт. Чун шоир ва эҷодкор дарбори худро ба макони шеъру адаб табдил дод. Девони шеърҳои ӯ ба забони форсӣ нигошта шуда, бо тасҳеҳи доктор Ҳодии Ҳасанӣ дар Ҳиндустон ба табъ расидааст.

Хӯрдам зи фироқи ту малолест маро,
Ҳар рӯз зи ҳиҷрони ту солест маро,
Ҳолест ба ғурбатам, ки натвон гуфтан,
Субҳоноллоҳ, ғариб ҳолест маро.

Воқеанигори маъруф Муҳаммад Ҳайдар Мирзо (Рашидӣ) дар бораи Ҳумоюн чунин нигоштааст: «Аз Ҳумоюн дида шахси боиқтидор дар замони худ кам вохӯрдаам», ки дар ҳақиқат чеҳраи барҷастаи ин сипаҳсолори фарҳангдӯстро дуруст муаррифӣ мекунад.

Писари дуюми Бобур – Комрон Мирзо соли 1508 таваллуд шуд. Ҷадди модарии вай Гулрухбегим ба туркманон мансуб буд. Замони барҳаёт будани Бобур вай дар Қандаҳор ва Кобул ҳукмронӣ кард. Баъди ба тахт нишастани Ҳумоюн фармон шуд, то воҳаи дарёи Панҷоб ва Ҳинд низ зери тасарруфи ӯ вогузошта шавад. Дар замоне, ки неруҳои Шершоҳи Сурӣ заминҳои бобуриёнро соҳиб гардид, Комрон Мирзо бо додараш Ҳиндол Мирзо Аграро тасхир кард. Дар мулки Афғонистон ба корҳои шоёни ободонӣ ва маърифатӣ пардохта, илмро бо амал пайваста густариш дод. Комрон Мирзо, ки худ аз зумраи фозилони замонааш ба ҳисоб мерафт, ба олимону фозилон, шоирону санъаткорон, ҳунармандон ва рассомони замона сарпарастӣ намуд. Ӯ Кобулро ба маркази илму ҳунар, адабиёт ва санъат табдил дода, мавқеи адабиёт ва фарҳангро боло бардошт.

Комрон Мирзо низ аз зумраи шоирони боистеъдоди зуллисонайни сулолаи бобуриён буда, шеъру ғазал, рубоию қитъа, маснавию фардҳои худро бо забонҳои туркӣ ва дарӣ сабт намуд ва он ҳама дар девони ашъораш гирд оварда шудаанд.

Аскарӣ Мирзо соли 1517 дар Кобул ба дунё омад. Модари вай Гулрухбегим ном дошт. Аз соли 1530 ҳокими Меват ва Қандаҳор буд. Ҳарчанд аз ӯ девоне боқӣ намонда бошад ҳам, якчанд байтҳои мансуб ба қалами вай аз салиқаи баланди шоирии ӯ дарак медиҳанд. Аз ҷумла:

Эй Аскарӣ, ар мастӣ мудомӣ,
хуш бош,
В-ар мӯъташиди бодаву ҷомӣ,
хуш бош.
Гуфтӣ: ба харобот набошам бе ӯ
Бо ёр агар дар ин мақомӣ, хуш бош.

Муҳаммад Аскарӣ ҳам ба мисли бародаронаш бо забонҳои форсӣ ва туркӣ шеър офаридааст. Ӯ солҳои охири умраашро дар ҳаҷ гузаронида, соли 1558 дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Духтари ӯ Сокинабегим ҳамсари император Акбар буд.

Ҳиндол Мирзо соли 1520 дар Кобул дида ба дунё кушод. Модари Ҳиндол Мирзо ва Гулбаданбегим Дилдорбегим ё Дилдороғоча ном дошт. Сабаби Ҳиндол ном доштани вайро чунин тавсиф додаанд: вақте Бобур Мирзо дар айни забти Ҳиндустон буд, дар бораи тавлиди фарзандаш ба вай хабар расид. Бинобар номи писарашро Ҳиндол («ол» маънои «бигир»-ро дорад, яъне Ҳиндро бигир) гузоштааст. Сарфи назар аз умри кӯтоҳи худ Ҳиндол Мирзо ҳам аз ҳунари волои шеърофарӣ бархӯрдор буд, ки сатрҳои зерин аз он далолат медиҳанд:

З-он қатраи шабнам, ки насими
саҳарӣ,
Аз абр ҷудо кунад, ба сад ҷилвагарӣ.
То бар рухи гил чаконад,
эй рашки парӣ,
Ҳаққо ки ҳазор бор покизатарӣ.

Ҳамин тавр, гарчанде маълумот дар бораи фарзандони Бобур Мирзо хеле мухтасар буд, чунин хулоса бармеояд, ки ҳамаи писарони Бобур Мирзо, дар баробари саркардагию ҳукуматдорӣ табъи баланди сухангӯй доштаанд. Метавон гуфт, ки дар хонадони Бобур тарбияи фарзанд яке аз масъалаҳои хеле муҳим ба ҳисоб мерафт. Рочеъ ба зимомдорӣ ва фарҳангсолории фарзандони ӯ маълумоти ғанӣ гирд оварда шудаанд.

Зебунисо ФАЙЗУЛЛОЕВА.

Мутахассиси Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистон Ислом Асилбеков ба қарибӣ дар шаҳри Нурсултони Қазоқистон дар озмуни байналхалқии «Беҳтарин олими ҷавон – 2021» мобайни 14 давлати ИДМ аз рӯи журналистика муваффақиятнок иштирок карда, ҷойи якумро ба даст овард ва бо медали тилло сарфароз гардид.

ЭҶОДКОРИ ҶАВОН – СОҲИБИ МЕДАЛИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Ислом Асилбеков алҳол баробари фаъолияти меҳнатӣ донишҷӯи соли сеюми Донишкадаи журналистика ва коммуникатсияи оммавии Ӯзбекистон ба шумор меравад.

Қариб 300 мақолаи публитсистӣ ва ҳикояҳои ӯ тавассути воситаҳои ахбори оммавии ноҳия, вилоят, ҷумҳурӣ ва 10 мақолаи илмиаш дар ҷаридаҳои байналхалқии Британия, Олмон, Нидерландия рӯйи чопро дидаанд.

И.Асилбеков узви Иттиҳодияи «Истеъдодҳои ҷавон»-и Қазоқистон ва узви фонди ҷамоатии «Шоир ва нависандагони қирғиз»-и Қирғизистон ба шумор меравад. Инчунин, вай бо медали «Абай»-и иттиҳодияи «Истеъдодҳои ҷавон»-и Қазоқистон «Барои хидматҳои муҳимаш» сарфароз гардидааст.

А. МУРОДОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».

ВАРЗИШРО ДӮСТ ДОР, БО ВАРЗИШ ЗИНДАГӢ КУН!

Дар шаҳри Навоӣ таҳти шиори мазкур миёни ҷавонони бекор минифутбол, ҳамчунин байни писарону духтарони имконияти ҳояшон маҳдуди маҳаллаҳо бинобар шоҳмот мусобиқаҳо баргузор шуданд.

Аввал дар меҳмонхонаи «Тинчлик» барои иштироки 11 ҷамоаи беҳтарине, ки ба зинаи вилоятӣ роҳхат гирифтаанд, қурҳа партофта шуд. Сипас дар маҷмӯи варзишии «Ёшлик»-и шаҳри Навоӣ ба зинаи хулосавии он вобаста гардид.

Дар мусобиқае, ки барои дарёфти ҷойи савум баргузор шуд, ҷавонони ноҳияи Конимех бар рақибони худ аз ноҳияи Навбаҳор дастболо гардиданд.

Дар мусобиқаи ниҳоӣ ҷамоаи шаҳрҳои Учқудуқ ва Навоӣ талош варзиданд. Дар мусобиқае, ки тезутунд гузашт, ҷавонони шаҳри Навоӣ ғолиб омаданд. Онҳо сазовори ҷоми роҳбари садорати Ҳидмати бехатарии давлатии вилояти Навоӣ гардиданд.

Дар сурат: *лавҳае аз мусобиқа.* ***Суратгир: С.АСЛОНОВ (ӮзА).***

Ташаббус – 2021

Дар Бухоро марҳилаи вилоятии озмун-азназаргузаронии анъанавии «Ташаббус – 2021» баргузор гардид. Дар марҳилаҳои ибтидоии он бештар аз 700 нафар субъектҳои соҳибкорӣ – тадбиркорон, фермерон ва ҳунармандон бо маҳсули дастони худ иштирок карда бошанд, ба марҳилаи вилоятӣ 64 нафари онҳо роҳхат гирифтанд.

МАРҲИЛАИ ВИЛОЯТИИ ОЗМУН-АЗНАЗАРГУЗАРОНӢ ҶАМЪБАСТ ШУД

Нимаи аввали рӯз ғолибони марҳилаи шаҳру ноҳияҳо ҳавасманд гардонда шуданд. Онҳоро ҷонишини ҳокими вилоят Миралӣ Ҳамроев муборакбод намуд.

Дар марҳилаи вилоятии озмун бошад, барои доварон муайян кардани ғолибон осон нагардид, зеро иштироккунандагон яке аз дигаре ҳариф фарқ надоштанд, яъне ҳамаи онҳо бо тайёрии пухта омада буданд. Бо вуҷуди ин доварони расобин муносибтарини эшонро интихоб карда тавонистанд. Ҳамин тариқ, дар соҳаи хидматрасонӣ корхонаи муштараки «Bukhara-Varnet»-и ноҳияи Бухоро, дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «DELUXE FABRIK»-и шаҳри Бухоро тадбиркори беҳтарини сол, корхонаи оилавии «Қӯчқорова Муҳаббат Узоқовна»-и ноҳияи Шофиркон «Ҳунарманди беҳтарини сол», хоҷагии фермерии «Арчуманбону чорвоси»-и ноҳияи Ҷондор ғолиби номинатсияи «Фермери беҳтарини сол», ҶММ «Сифатли сут маҳсулотлари»-и ноҳияи Қаровулбозор барандаи номи «Беҳтарин соҳибкори ҷавони сол» эътироф гардида, бо диплом, ҳайкалчаи махсус ва туҳфаҳо тақдир карда шуданд. Инчунин, барандагони номинатсияҳои «Беҳтарин оилаи соҳибкорӣ», «Беҳтарин бренди миллӣ», «Беҳтарин лоиҳаи инноватсионӣ», «Маҳсулоти беҳтарини сол» ва ғайра низ соҳиби мукофот шуданд.

А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ЁДЕ АЗ МАЪЮСӢ

Хондиза деҳаест зебоманзар. Мардумонаш шеърдӯсту шеърпарвар. Ба қадри шеъру шоирӣ мерасанд. Бо худ ва бо гузаштагонаш ифтихор доранд. Ҷамоаи омӯзгорони таълимгоҳи рақами 85-уми деҳаи Хондизаи ноҳияи Сариосиё ва як гурӯҳ фаъолон ба зиёратгоҳи ду тан аз шахсиятҳои забардасти деҳа – Домулло Сӯфӣ Ҳисори Хондизагӣ ва Муҳаммад Юсуфи Хондизагӣ рафта, қабрашонро зиёрат намуданд. Пасон ҳамагон ба мактаб баргаштанд, ки онҳоро хонандагон бо нону намак интизор буданд. Он рӯз хонандагони таълимгоҳи мазкур таҳти роҳбарии директор Ҳабибулло Раҳимов, ҷонишини директор оид ба корҳои маърифатӣ ва маънавӣ Ҷаҳонгир Нуруллоев, мудирони қисми илмӣ Мустафоқул Муҳаммадиев ва Абдулло Ғафуров, китобдори мактаб Шаҳобиддин Султонов ва як гурӯҳ омӯзгорони дигар ташаббус бардошта барномае бахшида ба 150-солагии шоири сӯфимашраби тоҷик, ифтихори мардуми Хондиза Муҳаммад Юсуфи Хондизагӣ, ки мутахаллис ба Маъюсӣ аст, бо унвони «То тавонӣ чанд ҳарфе баҳра аз олим бигир...» омода намудаанд. Дар ин барнома Раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё Рамазон Абдуллоев, директори Маркази реабилитатсияи вилоят Манзура Абдуллоева, сармуҳаррири рӯзномаи «Ховар» Олим Панҷизода, муаллимони Донишгоҳи давлатии Тирмиз Кароматулло Ҷонмуҳаммадов, Иқрориддин Айниддинов, директори фароғатгоҳи бачагонаи «Хондиза» Раҳматулло Соҳибов ва чанде дигарон иштирок доштанд.

Хонандагони мактаб бо навбат аз ашъори Маъюсӣ шеърҳо қироат намуданд. Зиёда аз 200 мисраъи маснавии «Асмоул-ҳусно»-ро хонандаи синфи 7-ум Муҳаммадӣ Раҳматуллоев ва шеъри шоири хушбаёни Хондиза Хусрави Саъдуллоҳ ба ёди ҳазрати Маъюсӣ «Таҳороти ово»-ро Мӯъҷизаи Саъдулло хонда ҳамаро дар ҳайрат гузоштанд.

Иштирокдорон низ ҳар яке оиди маҳфил ва эҷодиёту шахсияти Маъюсӣ ҳарф заданд. Ниҳоят, дар анҷом ба фаъолоне, ки дар чорабинӣ ба муносибати 150-солагии ёдбуди шоир Муҳаммад Юсуфи Хондизагӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд, сертификати Маркази миллӣ-маданӣ тоҷикони вилоят ва китобҳо тақдим карда шуд. Чорабинӣ хеле пуртаъсир ва хотирмон буд ва зикр гардид, ки барои шод гардонидани хотири ин шахсияти бузург ҷамоаи мактаб ба кори хайр даст задаанд.

Барнои САЛОМИЁН,
омӯзгори мактаби рақами 85-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.

ДАВЛАТИ ҶАВОНОНАШ ПУРИҚТИДОР – ОЯНДАДОР

(Аввалаш дар саҳ.3).

Падару модароне, ки ба тарбияи маънавии фарзанд ин гуна эътибор нигаронда, ҷуръа китобдӯст сохтаанд, ба ҳар гуна мукофот ва дастгирии моддӣ сазоворанд. Хушоянд боз он ки озмун дар ин самт ошкор ва ҳаққонӣ сурат мегирад, даврааи финалиро телеканали «Ёшлар» бевосита намоиш медиҳад.

Аммо маълум, ки Ӯзбекистон мамлакати сермиллат. Таълим дар боргоҳҳои маърифат ба чанд забон дода мешавад. Ҳар халқ адабиёт, шоиру нависанда дорад, адабиётҳои бадеӣ низ ба чанд забон. Дар шартҳои озмуни «Китобхони ҷавон» ин гуна ҷонибҳои нозук низ ба эътибор гирифта шудаанд ё не?

Ба ин суол, мутаассифона, ҷавоберо, ки қонеъ созад, пайдо карда натавонистем. Бо мақсади дастгирии ташаббус, стартап, ғоя ва лоиҳаҳои ҷавонон, ба таҳсили иловагӣ фарогирии бекорҳо аз рӯи мутахассисӣ, такмили малакаҳои коршиносӣ дар онҳо дар ҳузури «Иттифоқи ҷавонон» бунёде ташкил ёфтааст бо унвони «Ҷавонон – ояндаи мо». Ҷавононе, ки лоиҳаҳои тиҷоратиашонро ба амал бароварданианд, бо кӯмаки ин бунёд метавонанд аз бонкҳои тиҷоратӣ вомҳои имтиёзнок бо ставкаи 7-фоиза гиранд. Инчунин имконияти бо лизинг гирифтани молу мулк фароҳам оварда шудааст.

Бо мақсади таъмини ҷавонон бо шуғл дар ҳудудҳо «Гузарҳои меҳнати ҷавонон» ташкил ёфтааст, ки шохобчаҳои гуногуни истеҳсолию хидматрасониро фаро гирифтааст.

Ташкил гардидани отрядҳои «Ҷавонони фидоӣ» низ воқеаи муҳим дар ҳаёти ҷавонони мо қарор ёфт. Шахсони масъул хона ба хона гашта, муаммо ва таваҷҷӯҳи ҷавононро меомӯзанд, ба ҳудуд «диагноз» мегузоранд, дар асоси хулосаҳо муаммоҳои ба ҷавонон марбутро ҳаллу фасл менамоянд.

Ба оилаҳои ҷавон бо шарти пардохти ибтидоӣ дар асоси кредитҳои имтиёзноки дарозмуддат тартиби додани «Хонаҳои ҷавонон» ҷорӣ гардидааст.

Ғайр аз ин, ҷавононе, ки бо тавсияи «Иттифоқи ҷавонон» (дар ҳузури он комиссияи махсус фаъолият мебарад) ба самтҳои педагогии муассисаҳои таълими олӣ ҳуҷҷат месупоранд, дар асоси буҷаи давлатӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданашон мумкин.

Бо мақсади бедор сохтани шавқи ҷавонон ба соҳаи технологияҳои информатсионӣ (IT) ва тавассути салоҳияти ақлӣ офаридани ҷойҳои корӣ дар Ӯзбекистон лоиҳаи Digital Generation корбаст гардидааст. Дар доираи ин лоиҳа таълимгирии ҷавонон дар самтҳои замонавии медиа, маркетинги рақамнок, робототехника, барномарезии веб, киберспорт таъмин мегардад.

Дар арафаи Рӯзи ҷавонон (30 июн) аз рӯи дида баромадани масъала ва таклифҳои ҷавонон дар ҳудудҳо лоиҳаи «Ҳоким ва ҷавонон» татбиқ мегардад, мулоқотҳо имкон медиҳанд ҳамкорӣ миёни ҷавонон ва ҳокимони ноҳияву шаҳрҳо мустаҳкам гардад.

Маълум, ки берун аз ҷумҳурӣ низ ҷавонони мо бо таҳсил ва кор банд мебошанд. Барои он ки ҳамкорӣ ва робита бо онҳо муттасил ба роҳ монда шавад, Ассотсиатсияи умумиҷаҳонии «Ҷавонони Ӯзбекистон» ташкил карда шудааст.

Дар ҳузури «Иттифоқи ҷавонон», ки бештар аз 7,7 миллион нафарро гирди худ муттаҳид намудааст, бештар аз 20 шӯро ва иттиҳодия мавҷуд буда, дар таъмини фаъолнокии аъзо дар соҳаҳои санъат, адабиёт, илму фан, таълим, бизнес ва ҳоказо хидмат менамоянд.

Бо вуҷуди ҳамин масъалаҳои ҳалталаб дар ҳаёти ҷавонон ҳанӯз бисёр. Пайдо карда натавонистани кори дилхоҳ ҳамон қисме аз фарзандони моро азият медиҳад. Бо кушода шудани роҳҳо ба хориҷ, хусусан Русия, ҷавонони сершумор аз ноҳияҳо баромада рафтанд. Роҳкиро қимат. Вале ба қарз набардоштан, дар ҷустуҷӯи кор ба чаҳор тараф пароканда шуда нарафтан илоҷ нест. Муҳоҷири меҳнатӣ қонунан ба шуғл фаро гирифта шавад ё кор ёбад, чӣ хубе. Кор наёбад ва ба сарсонӣ дучор шавад-чӣ? Шуъбаҳои ноҳиявии «Иттифоқи ҷавонон» наметавонад бо кордеҳҳо аз Русия ҳамкорӣ кунад, муҳоҷирон дар корхонаҳои аниқ дар асоси шартнома кор кунанд ва пурра ба муҳофизат гирифта шаванд, падару модари ба роҳҳои онҳо нигарон хотирҷамъ бошанд?

Масъалаи ба шуғл фарогирии ҷавононе ҳам, ки муассисаҳои таълими олиро ба итмом расондаанд, низ ташвишангез. Дар ҷамъомади умумии понздаҳуми Сенати Олий Маҷлис ин муаммо алоҳида қайд гашт. Гуфта шуд ҷавонони бекор, ки соҳиб-дипломанд, 16 фоизро ташкил менамоянд. Сенаторҳо қарор карданд аз рӯи ин масъала ба ҳукумат таҳқиқи парлумонӣ фиристонанд. Таъкид ёфт дар ҷумҳурӣ тартиби квалификатсионӣ ва сохтори омӯзиши эҳтиёҷ ба кадрҳои ҷавони маълумоти олинок ҳанӯз ҷорӣ карда нашудааст. Дар муайянсозии квотаи қабул ба муассисаҳои таълими олӣ ва омодасозии кадрҳои ҷавон талаботи бозори меҳнатӣ ба таври кофӣ риоя карда намешавад.

Аксарияти хатмкардагони мактабҳои олӣ аз рӯи ихтисосашон кор намекунанд, гуфт узви Сенат Дилором Тошмуҳамедова. Аз ин мавқеъ, 27,9 ҳазор нафаре, ки дар «дафтари ҷавонон» номнависанд, хатмкардагони муассисаҳои таълими олӣ буда, ҳоло бекоранд. Дар сохтори ягонаи меҳнатие, ки Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатии ҷумҳурӣ пеш мебарад, қайд ёфта, ки корхонаю ташкилотҳои гуногун ба 116 ҳазор кадри маълумоти олинок эҳтиёҷ доранд, вале аз мавҷудии сохтори зикршуда аксарияти ҷавонони мо бехабар.

Камии маош низ муаммои дарднок. Маоше, ки корхонаҳо муайян мекунанд, хатмкардаи ба ивази маблағи калон таҳсилкардаро қаноатманд намесозад.

Айни замон, илова кард Д.Тошмуҳамедова, барои 19172 ҷои холии корӣ то 1 миллион сӯм, барои 26754 ҷои холии корӣ то 2 миллион сӯм моҳона таклиф карда мешавад.

Ба фикр меравем беихтиёр: донишҷӯе, ки тӯли чаҳор соли таҳсил тақрибан 50 миллион сӯм сарф кард, ба ивази 1 миллион сӯм маош чӣ тавр кор карданаш мумкин?

Дар соли 2020 бештар аз 11 миллион нафар ё худ 82 фоиз дар сектори хусусӣ фаъолият бурданд. Ин тақозо мекунад байни субъектҳои соҳибкорӣ ва муассисаҳои таълими олӣ дар масъалаи фармоишот корҳои сохторӣ мустаҳкам роҳандозӣ гарданд.

Дар ҷамъомади умумии понздаҳум сенаторҳо масъалаи бошуғлфарогирии ҷавонони дар асоси шартнома таҳсилнамуда ҳанӯз муайян набудани чораҳои аниқ ва мақсаднокро барҳаҳ танқид намуданд. Инчунин, қайд карданд барои диплом гирифтани донишҷӯёне, ки дар асоси грант хондаанд, шартномаҳои сеҷонибаи бо иштироки корхонаю ташкилотҳо баимзорасида аксарият сохта ва қалбакианд.

Хуб мешуд барои кори дилхоҳ ёфтани ҷавононамон, ки барои гирифтани диплом чӣ қадар заҳмат ва маблағ сарф кардааанд, чораҳои мушаххас андешида шаванд. Ҷавоне, ки хонд ва диплом гирифт, бигузор як умр аз рӯи ихтисос фаъолият барад, донишу малакаи андӯхтаашро ба нафъи умум ва равнақи диёр равона созад.

М. ШОДИЕВ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 819, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспортӣ бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.